باللغة الطاجيكية

Паёми мухтасар бо номи:

"Саволҳо дар бораи сигоркашӣ"

Омодаи ниёзманд ба авфи Парвардигораш:

Ҳайсам ибни Муҳаммад Сарҳан

Устоди Донишкадаи Ал-Ҳаром дар Масҷиди Набавӣ - қаблан –

ва роҳбари Донишкадаи Суннат

mahadsunnah.com

Аллоҳ ӯро, падару модараш ва онҳоеро, ки дар таҳияи ин китоб кӯмак кардаанд, бибахшад.

Тарҷумон:

ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ

Нашри аввал

[Ҳуқуқи чоп ба ҳар мусалмон дастрас аст, бидуни тағйир додани мазмуни рисола]

سِلْسِلَةُ «سُؤَالٌ وَجَوَابٌ» (٦):

رِسَالَةٌ مُخْتَصَرَةٌ بِعُنْوَان:

«أَسْئِلَةٌ فِي التَّدْخِين»

إِعْدَادُ الْفَقِيرِ إِلَى عَفْوِ رَبِّهِ:

هَيْثَم بْنِ مُحَمَّدٍ سَرْحَان

المُدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويّ -سابقًا- والمُشرِف على معهد السُّنَّة

mahadsunnah.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب

المترجم

شهاب الدين صالح الطاجيكي

الطَّبعة الأولى

[حقوق الطَّبع مُتاحةٌ لكلِّ مسلمٍ بدون أيِّ تغييرٍ في المُحتوى]

Савол:	Ҷавоб:
Тамокукашӣ чист?	Тамокукашӣ номи сигорҳое аст, ки аз тамоку сохта мешавад, ки растаниест, ки барои ба даст овардани баргҳои он парвариш карда мешавад. Дар барги он никотини нашъадор мавҷуд аст, ки боиси нашъамандӣ мегардад ва ба саломатӣ зарар дорад.
Ин гуфтугӯ барои чист?	Ба эътиқоди табибон ва олимон сигоркашӣ ба саломатӣ зиён дорад. Аммо шумори сигоркашон чи мусалмон ва чи ғайри мусулмон хеле зиёд аст. Дар воқеъ аз рӯи баъзе маълумотҳои баҳисобгирии ташкилотҳои тандурустӣ, он бузургтарин қотили ин давру замон шумурда мешавад! Ин аст, ки дар ин бора сухан ронда, ҳукми шаръии он ва роҳҳои пешгирии онро шарҳ додан лозим аст.
Ҳукми кашидани сигор, шиша ва муъассал чист:	Сигоркашӣ комилан манъ аст, аз сабаби зарареҳ, ки ба нафс мерасонад, ки шариат ба ҳифзи он амр кардааст, ин яке аз панҷ талаботест, ки ҳама шариатҳо дар он мувофиқат мекунанд. Аллоҳ таъоло фармуд: "**Худро бо дасти худ ба**

Савол:	Ҷавоб:
	ҳалокат наандозед". (Сураи Бақара, ояти: 195). Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**На ба худ зарар расонед ва на ба дигарон**". Ривояти Молик ва Ибни Моҷа. Ба ҳукми сигор дигар маҳсулоти тамоку пайваста мешавад, мисли мазға (хоидан), шиша, муъассал ва ғайра. Ва номидани муъассал аз ашёест, ки ба ғайри номаш номида шуда аст.
Чаро дар «Муъассал» мегӯед: (Онро ба номе ғайри номаш мехонанд)?	Зеро ин ном аз асал гирифта шуда аст, ки амри хуб аст ва аз рӯи ояти Қуръон ҳам асал дору аст. Ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло аз занбури асал хабар дода фармуд: "**Аз шиками онҳо, нӯшидание бо рангҳои гуногун берун меояд, ки дар он шифо барои мардум аст**". (Сураи Наҳл, ояти: 69). Ин бар хилофи муъассал аст, ки дар асл як навъи сигоркашӣ аст. Он бо иттифоқи духтурон, чунон ки дар боло зикр гардид, сабаби беморист.
Беҳтарин ҷойҳо барои сигоркашӣ куҷо аст?	Беҳтарин ҷойҳои сигоркашӣ ҷои қазои ҳоҷат (ҳоҷатхона) ва ҷои нақосат аст.
Сабаби ин дар чист?	Ҳамоно чунин гуфтем, зеро ки ҳоҷатхона ҷои ҷамъшавии шайтон-

Савол:	Ҷавоб:
	ҳои ҷинну инс ва ҷои бӯйҳои бад аст.
Ба сигоркаш чӣ наздик мешавад?	Шайтонҳо ба ӯ наздик мешаванд, то ӯро ҷашн гиранд, зеро шайтонҳо ба макони наҷосат ва бӯи нохуш наздик мешаванд.
	Ин аст, ки ба мо шаръ шудааст, ки ҳангоми ворид шудан ба халоҷо аз шайтонҳо паноҳ биҷӯем.
	Аз Анас ﷺ ривоят аст, ки гуфт: "**Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ дохили халоҷо мешуд, мефармуд: Эй Аллоҳ ман ба Ту аз шайтонҳои нар ва мода паноҳ мебарам**". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
Аз сигоркаш чӣ рӯй мегардонад?	Фариштагон аз сигоркаш дурӣ меҷӯянд. Паёмбар ﷺ дар ривояти Муслим фармуданд: "**Ҳар кас аз ин дарахти бадбӯй бихӯрад**".
	Яъне пиёз ва гандано ва сирпиёз дар ҳукми ин ду аст. "**Пас ба масҷиди мо наздик нашавад, зеро малоикаҳо озор меёбанд аз чизе ки инсон озор меёбад**".
	Зеро он бӯи нохуш дорад, ки одамон ва фариштагонро озор мерасонад.
	Бисёре аз фақеҳон гуфтаанд, ки

Савол:	Ҷавоб:
	сигор аз сирпиёз, пиёз ва гандано ба манъ сазовортар аст. Фақеҳ Муҳаммад Аллиши моликӣ раҳимаҳуллоҳ (в 1299 ҳиҷрӣ) гуфтааст: (Пиёз ва гандано бӯи нохуш доранд ва бадбӯй нест ва сигор бӯи палидест мисли бӯи худмурда ва наҷосат ва виҷдон шоҳиди ҳақиқии он аст).
Оё сигоркашӣ сифати мардонагӣ аст?	Сигоркашӣ ба ҳеҷ ваҷҳ сифати мардонагӣ нест ва барои ҳамин зан агар сигор кашад, мард намешавад! Мардонагӣ танҳо бо риояи фармудаҳои воҷиб ва матлуб ва парҳез аз манъи ҳаром ва макруҳ ба даст меояд. Ва аз ҳар чизе, ки расво ва бадном мекунад, аз ҷумла аз сигоркашӣ бипарҳезед.
Сигоркаше, ки сигор намекашад кист?	Ӯ касест, ки бо сигоркашон менишинад, инро сигоркашии салбӣ номида мешавад. Дар назди табибон ва муҳаққиқон собит шуда аст, ки сигоркашӣ ба ҳамнишинӣ зарар мекунад, ҳамонгуна ки ба кашидан зарар мекунад ҳамин тавр, ҳар ки бо сигоркаш менишинад ё ба ӯ наздик бошад, бехабар ӯ аз сигоркашон аст ва дар ҳоле, ки то муддате бо ӯ нишастанро идома бидиҳад, дар як замоне сигоркаш

Савол:	Ҷавоб:
	мешавад.
Оё мо бояд бигӯем: «Сигоркашӣ барои кӯдакон мувофиқ нест»?	Инро барои он мегӯянд, ки кӯдакон сигоркаш шаванд, зеро кӯдаконро ба чизе, ки аз онҳо манъ карда мешавад, ҷалб мекунад.
Вақте ки волидон сигор мекашанд, фарзандон чӣ гунаҳ доранд?	Онҳо айб надоранд, балки чунон ки гӯяндае гуфта буд: Ғайри ман ҷиноят кардааст ва ман дар миёни шумо ҷазо дода шудаам... Гӯё ман ангушти ишорати касе будам, ки пушаймон мешавад. Аз як тараф кӯдакон аз сигор дар нишастан зарар мебинанд ва аз тарафи дигар онҳо фикр мекунанд, ки сигоркашӣ аз хислатҳои мардонагӣ аст, пас онро таълим мегиранд ва идома медиҳанд, пас ба сигор кашидан низ зарар мебинанд!
Оё сигоркаш дар назди падару модараш ҷуръат мекунад, ки сигор кашад?	Бале, чунин шуда истодааст ва Аллоҳ мадад талабида шуда аст ва ин аз нофармонии волидайн аст. Зеро дар баробари зиёни сигоркашӣ ҳангоми нишастан ба онҳо зарари эҳсосӣ мерасонад. Ва дар ин нисбат ба онҳо зарари маънавӣ аст, аз рӯи беҳурматӣ ва беэҳ-

Савол:	Ҷавоб:
	тиромии онҳо.
Бисёртарин сабабе ки мардумро ба таълим гирифтани сигоркашӣ водор мекунад, чист?	Бисёртарин чизе, ки одамонро ба омӯзиши сигоркашӣ водор мекунад, ин дӯстони бад аст. Дӯстони бад мекӯшанд, ки онҳоеро, ки бо онҳо ҳастанд, дар гумроҳӣ ва беитоатие ҳастанд, онҳоро бикашанд.
Сигоркаш киро аз байни мардум ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад?	Сигоркаш аксар вақт шахсеро, ки ба ӯ сигоркаширо таълим додааст ва ё дар сигоркашӣ ташвиқ карда аст, ба ёд меорад ва ӯро фаромӯш намекунад, агар аз сигоркашӣ зараре бинад, ӯро маҳкум мекунад ва бар зидди ӯ дуъо мекунад.
Оё сигоркаш суннати баде гузоштааст?	Бале, бе шак, сигоркашӣ чизест, ки мардум ба ҳамдигар тақлид мекунанд ва ҳеҷ шакке нест, ки касе, ки ба бадиҳо далолат мекунад, бори далолатшударо бар дӯш дорад. Ба ростӣ Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар кӣ дар Ислом суннати некеро муқаррар кунад, пас барои ӯ аҷри он ва аҷри ҳар кӣ баъд аз ӯ ба он амал мекунад, мебошад, аз аҷри онҳо чизе кам намешавад. Ва ҳар кӣ дар Ислом суннати бадеро муқаррар кунад, бар ӯ гуноҳи ӯ ва гуноҳи ҳар кӣ баъд аз ӯ ба он амал мекунад,**

Савол:	Ҷавоб:
	мебошад, аз гуноҳони онҳо чизе кам намешавад". Ривояти Муслим.
Оё касе, ки ба дигарон сигоркашӣ ёд додааст, танҳо бори шогирдашро бар дӯш дорад ё бори ҳар касе, ки аз шогирдаш омӯхтааст?	Маънои зоҳири ҳадиси пешин ин аст, ки гуноҳи ҳар киро, ки сигоркаширо таълим додааст, хоҳ бе восита таълим дода бошад ва ё ба восита, бар душ мегирад. Ҳамоно Паёмбар ﷺ фармуд: " **Бар ӯ гуноҳи ӯ ва гуноҳи ҳар кӣ баъд аз ӯ ба он амал мекунад, мебошад**". Шайх Усаймин раҳимаҳуллоҳ дар «Шарҳри Риёзи Солеҳин» саҳ: 199 гуфтааст: (Дар он ҳушдор аз суннатҳои бад оварда шудааст ва ҳар кӣ суннати бадро ворид кунад, бори гуноҳи он ва ҳар кӣ ба он амал кунад, то рӯзи қиёмат бар дӯш хоҳад гирифт!).
Агар касе аз ту бихоҳад, ки ба ӯ сигор бихарӣ, оё барои ӯ сигор харидан ҷоиз аст?	Харидани сигор барои сигоркаш василаи кумак ба кори бад аст. Аллоҳ таъоло фармудааст: "**Ва дар роҳи некукорӣ ва парҳезгорӣ бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунед ва ҳаргиз дар роҳи гуноҳ ва таҷовуз ҳамкорӣ накунед**". (Сураи Моида, ояти: 2). Ва баъзе муаллифони Сунан дар бораи шароб аз Паёмбар ﷺ ривоят кардаанд: "**Аллоҳ лаънат кард арақ, нӯшандаи он,**

Савол:	Ҷавоб:
	соқии он, фурӯшанда ва харидори он, фишордиҳандаи он, касе ки фишурдани онро барои худ ё ғайраш талаб мекунад, баранда ва қабулкунандаашро ". Зеро дар он ҳамкорӣ карда, аз он манфиат гирифтаанд. Шайх Ибни Боз раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Барои писар ҷоиз нест, ки падарашро дар корҳое, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, ёрӣ диҳад, на бо арақ, на бо сигоркашӣ, на бо зино, на бо қимор ва на бо дигар чизҳо).
Оё аз рӯи одат метавонад сигор ба сӯи роҳи бадтаре барад?	Бале, сигоркашӣ бисёр вақт соҳибашро ба чизе мебарад, ки аз он зиёнтар ва ҳаромтар аст, ба монанди ҳашиш (чарс, банг), маводи мухаддир ва машрубот.
Шояд касе бигӯяд: Ман қавӣ ҳастам ва худам медонам, ки маводи мухаддирро истифода намебарам.	Такя ба нафс ва таваккал ба худ як доми хатарнок аст, зеро имоми яккапарастон Иброҳим алайҳис салом гуфта аст: "**Ва ман ва фарзандони маро аз парастиши бутон дур гардон**". (Сураи Иброҳим, ояти: 35). Ва Ӯ касест, ки бутҳоро бо дасташ шикастааст! Иброҳими Таймӣ раҳимаҳуллоҳ гуфт: "Баъд аз халили Аллоҳ Иброҳим кӣ аз бало дар амон аст?!". Инсон заиф аст, Аллоҳ таъоло фармуд: "**Инсон**

Савол:	Ҷавоб:
	заиф офарида шуда аст". (Сураи Нисо, ояти: 28).
Оё ширкатҳои тамоку ба иқтисоди кишвар судманд нестанд?	Ҳар касе, ки ин суханро мегӯяд, аз рӯи таҳқиқу тафтиш кам гуфта аст. Дуруст аст, ки ин ширкатҳо ба иқтисоди кишвар саҳм мегузоранд, аммо аз сӯи дигар ба саломатии шаҳрвандон зиён мерасонанд ва хароҷоти табобату барқарорсозии онҳо маъмулан аз он зиёдтар аст. Аллоҳ дар посухи ин ҳуҷҷат дар бораи шароб, фармудааст: "**Аз ту дар бораи шароб ва қимор мепурсанд, бигӯ: Дар он ду гуноҳи бузург аст ва судҳое барои мардум дар бар дорад ва гуноҳи ҳар ду аз судашон бузургтар аст**". (Сураи Бақара, ояти: 219).
Кадом саволест, ки сигоркаш аз он суол доданро дӯст наме-дорад?	Сигоркаш дӯст намедорад, ки аз ӯ бипурсанд: "Чаро шумо сигоркаширо тарк намекунед?" Зеро ба он чавоби қаноатбахш намеёбад, дар ботини худ медонад, ки хато мекунад, ба худаш зарар мерасонад ва бояд бо баъзеи иродаи худ онро тарк кунад. Саҳобаҳо баробари амри тарк кардани арақ онро тарк карданд ва он аз сигор-

Савол:	Ҷавоб:
	кашӣ сахттар буд. Аз Абӯсаъид ﷺ ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар ﷺ фармуд: "**Аллоҳ таъоло шаробро ҳаром кардааст, пас ҳар касе, ки ин оят ба ӯ расида бошад, пас онро нанӯшад ва нафурӯшад**». Гуфт: Мардум он шароберо, ки доштанд, дар роҳи Мадина бурда рехтанд. Ривояти Муслим.
Табобати сигоркашӣ чӣ гуна аст?	Аз Аллоҳ мадад талаб кун, натарс ва нотавон нашав ва аз сидқи дил Аллоҳ азза ва ҷалларо дуъо кун, бо Аллоҳ азза ва ҷалла рост бош ва тавба кун ва ба ҳаром будани ша-роб дар ибтидои Ислом назар кун. Саҳобагон чӣ гуна дар ҳол фармони Аллоҳро риоя мекарданд, гарчанде ки баъзе аз онҳо ба он одат карда буданд. Ин танҳо бо қуввати имон, майли итоаткорӣ ва тавфиқи Аллоҳ азза ва ҷалла аст. Сигоркаш бояд натарсад, балки таваккал бар Аллоҳ кунад, ки Аллоҳ дар корат ёриат кунад ва бидон, ки дин осон аст ва Аллоҳ он чиро, ки дӯст медорад ва аз он хушнуд аст, туро комёб гардонад.

Савол:	Ҷавоб:
Оё чизҳои дигаре ҳастанд, ки ба шумо аз сигоркашӣ кӯмак мекунанд?	Бале, бо сигоркаш нишастанро бас кардан лозим аст, зеро маҳз ҳамин чиз зарурати сигоркаширо дар нафс эҳё мекунад. Агар дар худ майл ба сигоркашӣ пайдо кунад, бояд аз маконе, ки дар он аст, ҳиҷрат кунад. Шояд он чизе, ки дар талошаш ба ӯ кумак кунад, сафар ба ҳаҷ ё умра бошад.
Оё оҳиста-оҳиста аз сигоркашӣ даст кашидан мумкин аст?	Не, ғолибан сигоркаш онро тарк намекунад, зеро нафс ба он пайваста мемонад ва ин ҳам хилофи амали саҳобагон аст. Агар кам кардани нӯшидан роҳи дуруст мебуд, Паёмбар ﷺ онҳоро ба он ҳидоят мекард, бахусус онҳоеро, ки ҳамеша майзада буданд.
Оё сигорҳои электронӣ барои қатъ кардани сигоркашӣ муфиданд?	Ин фоида надорад, балки ин корро бадтар мекунад, зеро он аз сигоркашӣ сахттар аст ва гирифтани он барои тарки сигоркашӣ аз боби (маро бо он чизе, ки дард аст, табобат кун)аст! Ба ҷое ки ӯ танҳо сигоркаш буд, ӯ ба он истифодаи сигорҳои электрониро зиёд кард! Балки бояд шахс худро маҷбур кунад, ки аз он чи Аллоҳ ҳаром кардааст, якбора тарк кунад. Ва бояд подоши ин корро аз

Савол:	Ҷавоб:
	Аллоҳ интизор шавад ва дар он аз Ӯ ёрӣ бихоҳад, зеро Аллоҳ азза ва ҷалла корашро зоеъ намесозад ва ба ҳар чӣ бихоҳад, ӯро муваффақ месо-зад.
Оё ин маънои онро дорад, ки сигорҳои электронӣ аз сигор хатарноктаранд?!	Бале, ин хатарноктар аст, зеро он осонтар аст ва шайтон мардумро бо он ба иштибоҳ меандозад ва онҳоро бовар мекунонад, ки ҳеҷ боке нест ва ҳеҷ зиёне дар он нест, балки василаи сигоркашӣ аст, на тарки он.
Оё мусалмон бояд касеро, ки ба сигоркашӣ гирифтор нашудааст, аз таъсири зарари он огоҳ кунад?	Бале, ҷомеа бояд аз зарари сигоркашӣ огоҳ карда шавад. Чунки пешгирӣ аз табобат беҳтар аст ва ҷилавгирӣ аз зарар пеш аз он ки ба вуқӯъ ояд, осонтар ва муассиртар аз рафъи он, пас аз вуқуъи он аст.
Чӣ тавр ман метавонам дар бораи дини Ислом бештар маълумот гирам?	Шумо метавонед бо мо ба таври ройгон дар донишкадаи мо, Донишкадаи Суннат дар истиноди охири паём таҳсил кунед. Дар охир ба шумо ба фармудаи Паёмбар тавсия медиҳам, ки фармуданд: "**Барои он чизе, ки ба ту нафъ мерасонад, кӯшиш кун ва аз Аллоҳ ёрӣ бихоҳ ва нотавон нашав**".

Робитаҳо ба каналҳои Донишкадаи Суннат:

Робитаи Телеграм:

Робитаи Фесбук:

Вебсайти Донишкадаи Суннат:

Робитаи Вотсап:

Робитаи Твитер (X):

Робитаи Инстаграм:

Робитаи зеркашӣ китобҳо:

Канали Ютуб:

Ба фазлу ёрии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло тарҷумаи ин рисола рӯзи шанбе 7/8/1445 ҳиҷрӣ мувофиқи 17/2/2024 мелодӣ ба поён расид. Аз Аллоҳ таъоло талаб мекунам, ки ин амалро дар номаи ҳасанотам қарор диҳад ва ба он банда ва мусалмононро манфиат расонад.

Бо қалами:
ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ